آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 августи соли 2023
Шанбе
№ 62 (14969)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# АҲАМИЯТИ ДАСТГИРИИ ҲАМДИГАРИИ ТАШАББУСҲО, КИ АЗ ҶОНИБИ КИШВАРҲОИ МИНТАҚА ПЕШБАРӢ МЕШАВАНД, ҚАЙД ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 4 август дар Ашқобод дар ҳамоиши сеҷониба, ки таҳти роҳбарии Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ва бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гузашт, иштирок намуд.**





Дар доираи рӯзномаи маҷлис масъалаҳои вусъат додани ҳамкориҳои муфиди тарафайн оид ба истифодаи сарфакоронаи захираҳои об, рушди соҳаҳои энергетикӣ, афзудани иқтидори нақлиётиву логистикӣ баррасӣ шуданд.

Дар оғози суханронии худ роҳбари давлати мо ба Президенти Туркманистон барои ташкили ҳамоиш дар сатҳи олӣ ва меҳмоннавозӣ миннатдорӣ баён кард, ҳамчунин ба пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов барои ташаббуси баргузор кардани чорабинӣ сипосгузорӣ намуд.

Таъкид гардид, ки сиёсати ошкорои сиёсӣ, ягонагӣ ва ваҳдати кишварҳои минтақа натиҷаҳои воқеӣ медиҳанд. Миқёси амалиётҳои тиҷоратӣ ва муоҳидаҳои кооператсионӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, энергетика ва логистика чандин баробар афзуд. Робитаҳои байниминтақавӣ ва табодули маданиву инсонпарварӣ вусъат пайдо карданд.

Фаъолияти самарабахши Мулоқоти пурмуҳтавои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ зикр шуд. Қайд гардид, ки ба шарофати ҳусни тафоҳуми умумӣ бинобар масъалаҳои рӯзмарраи дуҷониба ва минтақавӣ қарорҳои барои ҷонибҳо мақбул қабул мешаванд.

Ба хуруҷҳои нав эътибори махсус дода шуд, Президенти Ӯзбекистон зарурияти муштаракона дарёфт кардани ҷавобҳои дуруст ва амиқандешидашударо таъкид кард.

Ин дар шароити афзудани норасоии об дар минтақа, ки солҳои охир ҷиҳати ҷиддӣ пайдо мекунад, ба хусус муҳим аст.

Пешниҳод гардид, ки ҳамкорӣ дар самтҳои зерин, аз ҷумла ҷорӣ кардани технологияи пешқадами сарфакунандаи об ва бозсозии низоми обёрӣ, рақамикунонии ҷараёнҳои идораи захираҳои об, рушди муштараки инфрасохтор барои ҷамъ овардан ва нигоҳ доштани обҳои сел фаъолтар карда шавад.

– Дар масъалаҳои мазкур бояд тамоми имкониятҳои Бунёди байналхалқии наҷоти Арал, ҳамчунин ҳамкорӣ бинобар хатти созмон ва сохторҳои шарик, аз ҷумла Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки осиёии сармояҳои инфрасохторӣ ба кор андохта шаванд, – изҳор дошт роҳбари давлати мо.

Сипас Президент қайд намуд, ки дар соҳаи энергетика, аз ҷумла бобати расонда додан ва транзити ноқилҳои энергетикӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкории қарину муфид ба роҳ монда шудааст.

Бо дарназардошти нақшаҳои умумӣ бинобар гузаштан ба иқтисодиёти «сабз» татбиқи муштараконаи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетикаи об ва гармӣ андешида шудааст.

Ба муттаҳид кардани саъю кӯшишҳо бобати ташкил намудани қаробати инфрасохтори нақлиётӣ эътибори махсус дода шуд. Сарвари мамлакати мо изҳори ақида намуд, ки рушди гузаргоҳи Ӯзбекистон – Туркманистон – Эрон, фаъолона ба роҳ мондани иқтидори Хатсайри наздикаспий имкон медиҳад ҷолибияти Осиёи Марказӣ ҳамчун маркази транзитии гузаргоҳҳои байналхалқии Шарқ – Ғарб ва Шимол – Ҷануб зиёд гардад.

Бо ин мақсад пешниҳод шуд, ки шароити мусоид барои боркашониҳои байналхалқӣ, тезондани рақамикунонӣ ва афзудани имконияти гузаргоҳии нуқтаҳои назоративу гузаргоҳӣ муштаракона фароҳам оварда шаванд.

Муҳимияти ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳо ва дастгирии тарафайни ташаббусҳое, ки кишварҳои минтақа дар соҳати асосии байналхалқӣ – дар доираи Созмони Милали Муттаҳид пеш мегузоранд, қайд гардид.

Роҳбари давлати мо дар анҷоми суханронии худ таъкид намуд, ки Ӯзбекистон ният дорад минбаъд низ ташаббусҳои пешгузошташудаеро, ки ба таъмин сохтани сулҳу салоҳ, эътидол ва шукуфоии минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, дастгирӣ кунад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Ашқобод бо Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов мулоқот кард.

Масъалаҳои мубрами рӯзномаи дуҷониба баррасӣ шуданд.

Рушди босуръати муносибатҳои гуногунҷанбаи Ӯзбекистону Туркманистон ва амиқтар шудани шарикии стратегии ду кишвар бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои тиҷорат, саноат, энергетика, кишоварзӣ ва хоҷагии об, нақлиёт ва дигар самтҳои афзалиятнок таъкид гардид.

Сарони Ӯзбекистону Туркманистон ҳамчунин доир ба масъалаҳои ҳамкориҳои минтақавӣ табодули афкор намуда, ҷадвали чорабиниҳои дарпешистодаро баррасӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Ашқобод бо Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов музокирот анҷом дод.

Дар рафти мулоқот сарони давлатҳо масъалаҳои мубрами муносибатҳои амиқи шарикии стратегии Ӯзбекистону Туркманистонро, ки ба риштаҳои чандинасраи дӯстӣ ва ҳамсоягии неки халқҳои бародар асос ёфтаанд, баррасӣ намуданд.

Вусъати ҳамкории амалӣ дар ҳамаи соҳаҳо бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Созишномаҳои сатҳи олӣ бомуваффақият иҷро шуда истодаанд. Алоқаҳои байни ҳукуматҳо, вазоратҳо ва идораҳо мунтазам ба роҳ монда мешаванд.

Ҳаҷми муомилоти моли байниҳамдигарӣ меафзояд, ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахш дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт вусъат меёбад. Зарурати зудтар ба кор андохтани минтақаи муштараки тиҷоратии «Шавоту Дашоғуз» қайд карда шуд.

Аҳамияти пешбурди минбаъдаи лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ, рушди табодули байниминтақавӣ ва робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ таъкид гардид.

Оид ба рӯзномаи минтақавӣ низ мубодилаи ҳамаҷонибаи афкор сурат гирифт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# БА КОРМАНДОНИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН

*Дӯстони азиз!*

*Шумо, меҳнаткашони шуҳратманд — коргарону хидматчиён, бинокорону муҳандисон, мошинистҳо ва кондукторҳо, собиқадорони соҳаро бо Рӯзи коркунони нақлиёти роҳи оҳан аз сидқи дил муборакбод менамоям.*

*Ҳамаи мо нақш ва саҳми арзандаи шуморо дар бунёди давлату ҷомеаи босуръат рушдёбанда, ки ба рӯи ҷаҳон кушода мешаванд – Ӯзбекистони Нав сипосгузорона эътироф менамоем.*

*Дар ин ҷашни фараҳбахш, ки дар арафаи 32-солагии истиқлолияти Ватани маҳбубамон мегузарад, мо, албатта, роҳи дуру дарози тараққиёти роҳи оҳани Ӯзбекистонро қайд мекунем.*

*Дар ин давра зиёда аз 2400 километр роҳҳои нави оҳан сохта ба истифода дода шуданд, зиёда аз 3 ҳазор километр роҳи оҳан электриконида ва зиёда аз 1100 километр роҳҳои оҳан барқарор карда шуданд.*

*Васеъ намудани шабакаи роҳҳои оҳан, бешубҳа, барои тараққиёти мутаносиби ҳамаи минтақаҳои мо, ба таври комплекс азхуд намудани сарватҳои ғании зеризаминии мамлакат имкониятҳои торафт бештар нав ба вуҷуд меоварад.*

*Инро чунин факт равшан собит менамояд, ки аз рӯзи ташкил ёфтани ширкати саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» ҳаҷми интиқоли мусофиру бор бештар аз ду баробар афзуда, 1 миллиарду 600 миллион тонна бор ва 380 миллион нафар мусофирон ба нуқтаҳои таъиншуда расонда шудааст.*

*Ба шарофати меҳнати пурсамари ҳазорон нафар ҳамватанони фидокор дар кишвар низоми ягонаи роҳи оҳани дорои инфрасохтори замонавӣ ба вуҷуд оварда шуд, ки қодир аст ба пуррагӣ талаботи аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодро таъмин намуда, тамоми минтақаву ҳудудҳои ҷумҳуриро боэътимод ва муассир пайваст кунад.*

*Имрӯз кишвари мо ҳамчун давлати дорои коммуникатсияҳои муосири нақлиётӣ ва иқтидори баланди транзитӣ ба як звенои муҳими роҳҳои оҳани байналмилалӣ табдил ёфтааст, ки Шарқу Ғарб, Ҷануб ва Шимолро мепайвандад ва мо аз ин ба таври ҳақиқӣ ифтихор мекунем.*

*Поездҳои муосири электрикии «Афросиёб» аз пойтахт ба шаҳрҳои бостонии Самарқанд, Бухоро ва Қаршӣ ҳаракат мекунанд, ки бренди нақлиёти роҳи оҳани миллӣ гардиданд.*

*Умедворам, ки мо соли оянда ҳаракати поездҳои мусофирбари тезгардро дар роҳи Бухоро — Хива ба роҳ мемонем. Ин дар баробари фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамаҷониба барои аҳолӣ, инчунин барои гузаштан ба сатҳи нави рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.*

*Роҳиоҳанчиёни Ӯзбекистон дар татбиқи лоиҳаҳои муҳими стратегии сохтмони фурудгоҳҳо, метрополитенҳо, купрӯкҳо ва гузаргоҳҳо, азхудкунии конҳо фаъолона иштирок мекунанд.*

*Мамлакати мо дар Осиёи Миёна аввалин давлатест, ки дар соҳаи роҳҳои оҳан саноати вазнини мошинсозӣ ва рехтагарӣ-металлургӣ дорад. Дар ҷумҳурӣ корхонаҳои калони саноатии бо технологияӣ ҳозиразамон ҷиҳозонидашуда сохта, истеҳсоли вагонҳо, азнавсозӣ ва таъмири локомотивҳо, вагонҳои боркаш ва пассажиркашонӣ ба роҳ монда шудаанд.*

*Аз ҳама муҳимаш он аст, ки тамоми корҳои мураккаби идоракунӣ ва технологиро дар соҳа мутахассисони маҳаллӣ, ҷавонони матин ва диловари мо ба ҷо меоваранд.*

*Аз фурсат истифода бурда, аз номи худам ва аз номи тамоми халқи мо ба ҳамаи одамон, мутахассисони ҳақиқӣ, ки дар ин низом содиқона ва софдилона кор мекунанд, изҳори сипос менамоям.*

*Муҳтарам иштирокчиёни ҷашн!*

*Албатта, ҳамаи мо хуб медонем, ки мо бояд корҳои зиёдро ба сомон расонем, дар пеш ҷиҳати навсозии системаи роҳи оҳани кишвар, татбиқи лоиҳаҳои бузургу ояндадор бо ҷалби васеи сармояи хориҷӣ ба соҳа, омода намудани кадрҳои муосир, ки ба тарзи нав фикр карда, ба Ватан садоқатмандона хидмат мекунанд, корҳои зиёде қарор доранд.*

*Боварӣ дорам, ки коркунони роҳи оҳан, ки дар давраи гузашта таҷрибаю дониши калон ғун кардаанд, бо меҳнати пурсамар ва қувваи эҷодии худ ҳамаи вазифаҳои ба миёнгузоштаро бомуваффақият ҳал мекунанд. Алоҳида таъкид менамоям, ки давлат барои расидан ба ин ҳадаф тамоми шароити заруриро фароҳам меорад.*

*Бори дигар шуморо бо иди касбиатон самимона табрик гуфта, дар фаъолияти минбаъдаатон барору комёбиҳо, ба хонадонатон сулҳу оромӣ, хушбахтӣ ва файзу баракат таманно дорам.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

# ХАБАР

## Дар бораи ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

***4 августи соли 2023 дар Тошканд ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон кори худро оғоз кард.***

Дар он аъзои Сенат ва ҳукумат, намояндагони вазорату идораҳо, аъзои Парлумони ҷавонони назди Сенат ва кормандони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок намуданд.

Ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли видеоконфронс ба вуқӯъ омад, таҳти сарварии Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева гузашт.

Ҷамъомади умумӣ дар режими онлайн аз тариқи шабакаи Сенат дар YouTube намоиш дода шуд.

Сенаторон аввал Қонун «Дар бораи бехатарии иншооти гидротехникӣ»-ро фаъолона муҳокима карданд.

Қайд шуд, ки қонуни мазкур ба мақсади дар ҳолати аз ҷиҳати техникӣ қобили кор нигоҳ доштани иншооти хоҷагии об, бехавф ва муътамадона истифода бурдани онҳо коркард шудааст.

Ҳоли ҳозир низоми хоҷагии об ҷамъан 73 обанбор ва обанбори селҳо, 1688 истгоҳи насосӣ, 49 ниругоҳҳои барқию обӣ ва иншооти дигарро дарбар мегирад. Аксарияти иншооти обӣ зиёда аз 40 сол боз истифода мешаванд. Ин сари вақт гузаронидани корҳои таъмир, барқароркунӣ ва бозсозӣ, ҳамчунин устуворкунии таҷҳизоти замонавӣ, дар ҳолати дурусти техникӣ, бехавфӣ ва истифодаи муътамад таъминсозии онҳоро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин мувофиқи қонуни мазкур дар ин соҳа равандҳои таъминсозии бехавфи иншооти гидротехникӣ самти асосии сиёсати давлат пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин, масъалаҳои мубодилаи маълумот бо давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналхалқӣ дар соҳаи таъминсозии бехатарии иншооти гидротехникӣ низ инъикос меёбанд.

Ҳамчунин мувофиқи қонун ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ташкилоти истифодабаранда, вазифаҳои ташкилот-супоришгар, созмонҳои лоиҳавӣ ва пудратӣ бобати таъминсозии бехатарии иншооти гидротехникӣ муайян карда мешаванд.

Баробари ин талаботи асосӣ бинобар таъминсозии бехатарии иншооти гидротехникӣ низ сабт мегардад. Аз ҷумла, лоиҳакашӣ ва сохтмони ҳамзамон (баробар), бозсозии иншооти гидротехникӣ манъ карда мешавад.

Боз як ҷиҳати муҳими қонун он мебошад, ки ӯҳдадории дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ ё худ озмунӣ муқарраршудаи талабот нисбати иштирокдорон бобати мавҷуд будани таҷрибаи амалӣ дар соҳаи таъминсозии бехатарии иншооти гидротехникӣ, таҷҳизоти сохтмон, лабораторияҳо, мошин ва механизмҳо, ҳамчунин мутахассисони соҳибмалака ба сифати ӯҳдадории ташкилот – супоришгар таъкид карда мешавад.

Бинобар фикру ақидаи сенаторон қабул шудани қонуни мазкур ба баланд бардоштани масъулият ва ваколати мақомоти махсуси назорати давлатӣ, пурзӯр шудани назорат барои таъминсозии бехатарӣ ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон, бозсозӣ, таъмир, боздошт ва аз байн бардоштани иншооти гидротехникӣ мусоидат менамояд.

Баъди саволу ҷавоб ва муҳокимаҳо дар ҷамъомад қонуни мазкур аз ҷониби сенаторон қабул гардид.

Сипас дар ҷамъомади умумӣ Қонун «Дар бораи дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноиву протсессуалии Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба такмил додани идораи санҷиши қонунмандӣ, асоснокӣ ва адолатнокии қарорҳои суд» баррасӣ гардид.

Қайд шуд, ки солҳои охир дар мамлакат тадбирҳои васеъмиқёси ташкиливу ҳуқуқӣ бинобар куллан ислоҳсозии соҳаи суду ҳуқуқ татбиқ шуданд. Чунончӣ, ба ҷараёни суд идораҳои нав ворид гардиданд, идораҳое чун оштӣ, ошноии пешакӣ, медиатсия, ҳамчунин санҷиши қонунмандӣ, асоснокӣ ва адолатнокии қарорҳои суд такмил ёфтанд.

Баробари ин қатъиян афзудани миқдори кор дар судҳо боиси коҳиши имконияти муҳокимаи парвандаҳо дар муҳлати қонун муқарраршуда ва сабаби зиёд шудани норозигиҳои асосноки шаҳрвандон гардид.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# ЎЗБЕКИСТОН СОҲИБИ ИМКОНИЯТҲОИ БЕМИСЛИ САЙЁҲӢ МЕБОШАД

***Ўзбекистон бо ёдгориҳои зиёди таърихиву меъморӣ, иқлими мусоид, суръати баланди инкишоф сазовори эътибори тамоми ҷаҳониён гардидааст. Аз ҷумла дар мамлакат соҳаи сайёҳӣ низ ривоҷ меёбад.***

Солҳои охир ҳамчун самти стратегии иқтисодиёти мамлакат беш аз пеш инкишоф додани сайёҳӣ, фароҳам овардани шароитҳои хуби рушди иқтисодиёт, истифодаи пурра ва самарабахши салоҳияти бузурги сайёҳии ҳудудҳо, куллан такмил додани идораи шабакаи сайёҳӣ, беҳбуди маҳсулоти миллии сайёҳӣ ва тарғибу ташфиқи онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ба сифати марказҳои муҳими тамаддуни ҷаҳонӣ шиносидани соҳаи сайёҳии қаламрави Ўзбекистон, ба субъектҳои тадбиркорие, ки дар соҳаи мазкур фаолият доранд, ба вуҷуд овардани имконитятҳои иловагӣ ба вазифаҳои устувор табдил ёфтанд.

Асосҳои ҳуқуқие, ки соҳаи сайёҳиро аз ҳар ҷиҳат ба низом медароранд, офарида шуданд. Чунончӣ, соли 2019-ум Қонун «Дар бораи сайёҳӣ»-и Ҷумҳурии Ўзбекистон қабул гардид, як қатор фармон ва қарорҳои Президент, ҳукумати мамлакат қабул шуданд ва ба амал татбиқ гардиданд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои мазкур чораҳое амалӣ мешаванд, ки ба самарабахш истифода бурдани имкониятҳои мавҷудаи ҳар як ҳудуд нигаронида шудаанд.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои зикршуда самаранокии истифодаи салоҳияти сайёҳии мамлакат афзуд, барои сайёҳони хориҷӣ ва маҳаллӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд, тадбирҳои босуръат инкишоф додани инфрасохтори замонавӣ, вусъат додани хидматҳои сайёҳӣ, меҳмонхонавӣ ва нақлиётӣ андешида мешаванд.

Барои ин ба созмонҳои сайёҳӣ имтиёз ва сабукиҳои иловагӣ дода шуданд. Таъсис ёфтани муассисаи махсуси таълими олӣ барои дар ин соҳа тайёр кардани кадрҳои соҳибилму соҳибтаҷрибаи замонавӣ имконият медиҳад.

Дар мамлакат мавзеъҳои истироҳатие, ки дар давоми мавсим мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ хидмат расонида метавонанд, сол аз сол зиёд мешаванд. Алҳол дар тамоми гӯшаву канори мамлакат шумо метавонед рушди сайёҳӣ ё худ пешбурди ин ё он соҳаи мазкурро мушоҳида кунед. Ҳоли ҳозир тамоми навъҳои саёҳат ва истироҳат: миллӣ, варзишӣ, мероси маданӣ, зиёратӣ, фарҳангӣ, бадеӣ, хуроквορӣ, сайёҳати тиббӣ, сайёҳати ҷавонон, экотуризм, сайёҳати зимистонӣ, варзиши велосипед ва хелҳои дигар рӯ ба беҳбуд овардаанд.

Ин аст, ки миқдори сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ўзбекистон меоянд, сол аз сол ба дараҷаи назаррас меафзоянд. Чунончӣ, агар соли 2020-ум ба мамлакат 1,5 миллион сайёҳ омада бошад, соли 2021-ум шумораи онҳо ба 1,8 миллион, соли 2022-юм бошад, ба 5,2 миллион расид. Яъне соли 2022-юм нисбати соли 2021-ум се баробар афзуд.

Бино ба маълумот соли равон ба Ўзбекистон ҳафт миллион сайёҳи хориҷӣ меояд, ки ин далели фароҳам овардани имкониятҳои зиёд барои рушди сайёҳӣ мебошад.

Воқеан, рушди соҳаи мазкур баробари таъмин сохтани истиқрори иқтисодӣ, бо кор таъмин кардани аҳолӣ ва зиёд намудани манбаи даромади онҳо, нуфузи Ўзбекистонро дар арсаи байналхалқӣ беш аз пеш баланд мебардорад.

Оммавӣ гардидани сайёҳии дохилӣ бошад, истироҳати фаъоли шаҳрвандон, ваҳдати халқи бисёрмиллат, бо мероси ғановатманди табиӣ, маданӣ ва таърихии кишварамон шинос шудани аҳолӣ, ба хусус ҷавонон, барои дар онҳо афзудани эҳсоси фахру ифтихор мусоидат менамояд.

Алҳол ба мақсади таъмин намудани давомияти ҳамешагии имконитяҳои фароҳамовардашуда, ҳифзи мероси таърихӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, ҳамчунин сарватҳои ғановатманди табиии мамлакат, дар оянда барои насли наврас боқӣ гузоштани ин мерос, дар таҳрири нави Сарқонуни мо аз ҷониби шаҳрвандон эҳтиёткорона истифода бурдан аз мероси таърихӣ, маънавӣ, маданӣ, илмӣ ва табиии халқи Ўзбекистон, ҳамчунин ҳамаҷониба ҳифз кардани онҳо сабт гардидааст.

Мушаххас кардан ва ба амал татбиқ намудани вазифаҳои мазкур дар ғояи «Ҳифз намудани мероси маданӣ ва ба ҳаракати умумимиллӣ табдил додани сайёҳӣ»-и Ҳизби демократии Ўзбекистон «Миллий тикланиш» ифода ёфтааст. Барои ба амал татбиқ намудани ин вазифаҳо амалӣ гардонидани чораҳое, ки дар барномаҳои пешазинтихоботӣ андешида шудаанд, имкониятҳои зиёд фароҳам меоваранд.

Дар кишвари мо беш аз 7 ҳазор ёдгориҳои нодири таърихӣ, намунаҳои муҳташам ва нотакрори меъморӣ, табиати ғановатманду рангин, анъанаҳои бисёрасринаи маданият ва санъати миллӣ, ҳунармандӣ, таомҳои дар ҷаҳон машҳури миллӣ, ҳунари пазандагӣ мавҷуданд, аз мо тақозо мегардад, ки аз онҳо самарабахш истифода бубарем.

**Зумрад БЕКАТОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,**
**узви фраксияи Ҳизби демократии Ўзбекистон «Миллий тикланиш».**

*Пас аз ташрифи Президент...*

# ДАР ФАРҒОНА ДУ ШИФОХОНАИ ЗАМОНАВӢ БА КОР ШУРӮЪ КАРД

***Президент Шавкат Мирзиёев 27-28 июл ба вилояти Фарғона ташриф оварда буд. Дар рафти сафар 27 июл дар маросими ба истифода додани даҳ маҷмааи нав дар минтақа ширкат варзид.***



Аз ҷумла, шуъбаҳои кардиологияи интервенсионӣ ва кардиоҷарроҳии бахши минтақавии Маркази ихтисосонидашудаи кардиологияи илмию амалии ҷумҳуриявии Фарғона, инчунин бинои 7 ошёнаи бахши Маркази ёрии илмию таъҷилӣ ва бинои қабулу ташхиси навтаъсис ба истифода дода шуданд.

Пас аз сафари Сарвари давлат бо фаъолияти ин муассисаҳои тиббӣ шинос шудем.

Бояд гуфт, ки Сарвари давлат аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба масъалаи таҳкими саломатии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад.

Барои сохтмони шуъбаҳои минтақавии дилшиносии мудохилавӣ ва ҷарроҳии дили бахши ихтисосонидашудаи илмию амалии кардиологияи ҷумҳурӣ дар вилояти Фарғона 24,1 миллиард сўм маблағ харҷ гардид. Беш аз 32 намуд таҷҳизоти замонавии тиббӣ оварда шуд.

Барои аҳолии вилоят зиёда аз 60 намуди хидматрасонии мукаммали ҷарроҳии дил фароҳам оварда шуд.

– Ҳангоми сафари Президент ба вилояти Фарғона шуъбаҳои минтақавии кардиологияи интервенсионӣ ва кардиоҷарроҳии бахши ихтисосонидашудаи илмию амалии кардиологияи ҷумҳурӣ дар вилояти Фарғона ифтитоҳ ёфтанд, – таъкид кард роҳбари Иттиҳодияи нигаҳдории тандурустии вилояти Фарғона Абдуқаюм Тӯхтақулов. – Шифохонаи мо бо таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ ҷиҳозонида шудааст. Масалан, барои ҷарроҳии дил дастгоҳи гардиши сунъии хун ва дастгоҳи наркози модели нав мавҷуд аст. Дастгоҳи ангиографӣ аз ҷиҳати функсияаш дар Ўзбекистон ҳамто надорад. Ин дастгоҳ барои бемор ва мутахассис бехатар аст. Бо ёрии УЗИ дар дастгоҳ тоза кардани раг, рагҳои хурди даст ва пойро кушодан мумкин аст. Умуман, имкони ташхис ва тоза кардани рагҳоро медиҳад.



Бояд гуфт, ки қаблан ҷарроҳии дил дар вилояти Фарғона ба амал бароварда нашудааст. Ба беморон лозим меомад, ки роҳи дурро тай карда, ба вилоятҳои ҳамсоя ё Тошканд раванд. Мутаассифона бисёр беморон ба пойтахт намерасиданд. Ҳоло беморхонаи мо имкон дорад, ки ҳама намуди амалиёти ҷарроҳии дилро дар беморони хурду калон анҷом диҳад. Ин шифохона метавонад ба шаҳрвандони на танҳо вилоят, балки вилоятҳои ҳамсоя ва Қирғизистон низ хидмат расонад. Он инчунин ба рушди туризми тиббӣ дар минтақа хидмат мекунад. Дар маҷмӯъ, мо дар як сол зиёда аз 3000 амалиёти баландтехнологиро анҷом дода, метавонем ҳаёти бисёр беморонро наҷот диҳем.

Барои идора кардани таҷҳизоти замонавии шифохонаи мо мутахассисони баландихтисос заруранд. Барои ин мо аз хориҷи кишвар мутахассисони соҳибихтисосро даъват кардем.

Директори филиал Камолиддин Раҳмонов мутахассиси ботаҷриба аст. Ӯ ҳаждаҳ сол дар Маркази ҷарроҳии бемориҳои дилу раги ба номи Бакулеви Русия кор карда, дар беш аз 7000 амалиёти ҷарроҳӣ иштирок кардааст.

– Баъди ба охир расониданирисолаи докторӣ ба Ўзбекистон баргаштам. Шароити ин ҷо, таваҷҷуҳ ба соҳаи тиб ва ислоҳоти пешгирифтаи Президентамонро дида, як ҳамватани дигарамро низ бо худ овардам, – мегӯяд Камолиддин Раҳмонов. – Ӯ мутахассиси ботаҷриба аст, ки давоми 22 сол дар Маркази ҷарроҳии бемориҳои рагу дил кор кардааст. Бо камоли хурсандӣ гуфтан мумкин аст, ки беморхонаи мо барои анҷом додани ҳама намуди амалиёти ҷарроҳии дилу раг имконият ва ҳам иқтидори кофӣ дорад.

Дар натиҷаи корҳои сохтмон ва азнавсозӣ, ки ба маблағи 32 миллиард сўм анҷом дода шуд, имкони қабули беморон дар як шабонарӯз дар бахши Маркази ёрии илмию таъҷилии ҷумҳуриявии Фарғона аз 150 ба 355 нафар афзуд.

– Ба филиали мо 162 таҷҳизоти тиббии 56 намуд ба маблағи 3,6 миллион доллар оварда шуд, – мегӯяд директори бахши Маркази ёрии илмию таъҷилии ҷумҳуриявии Фарғона Шералӣ Йўлдошев. – Бо мақсади расонидани ёрии тиббии таъҷилӣ дар шуъбаи навтаъсиси ёрии таъҷилии шабонарӯзӣ, ки беморонро аз рӯйи дараҷаи беморӣ тақсим мекунад, долонҳо ташкил карда шудааст. Барои беморони вазнин долонҳои сурхи алоҳида, беморони ниёзманди ёрии таъҷилӣ долонҳои зард ва барои ёрии амбулаторӣ долонҳои сабз амал мекунад. Барои расонидани ёрии таъҷилии замонавӣ ба беморон тибқи стандартҳои табобат ва ташхис зали алоҳидаи шок, хонаи хурди ҷарроҳӣ, хонаи табобат, нигоҳубини кӯдакон, хонаҳои алоҳида барои травматолог, нейрохирург, ҷарроҳ, ЛОР, терапевт, лаборатория ва дигар мутахассисон, инчунин барои ба роҳ мондани ташхиси дақиқ ва табобат шуъбаи ташхиси функсионалӣ ташкил карда шудааст.

Муҳимтар аз ҳама, дар натиҷаи муҷаҳҳаз гардонидани муассисаи мазкур бо таҷҳизоти тиббии замонавӣ 60 намуди амалиёти ҷарроҳии лапароскопӣ, торакоскопикӣ ва эндоваскулярӣ ва усулҳои табобат татбиқ гардида, имкони анҷоми ҷарроҳии баландтехнологӣ фароҳам оварда шуд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Дар суратҳо: 1**. Дар бахши минтақавии Маркази ихтисосонидашудаи дилшиносии илмию амалии ҷумҳуриявии Фарғона.*
***2.** Дар бахши Маркази ёрии илмию таъҷилии ҷумҳуриявии Фарғона миқдори қабули мизоҷон аз 150 ба 355 нафар афзуд.*

***Суратгир:***
***М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ҒОЛИБ – ОМӮЗГОР

***Дар мактаби бачагони ҷумҳуриявии «Баркамол авлод»-и назди Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Роҳбари маҳфили сол – 2023» баргузор гардид.***



Дар он роҳбари маҳфили кашидадӯзии мактаби бачагони «Баркамол авлод»-и ноҳияи Шофиркон Гулмира Қурбонова соҳиби ҷойи якум гардид. Вай бо ҷозибаи маҳсули дастонаш ва машғулиятҳои дорои услуби инноватсиониаш доваронро ба ҳайрат овард.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ВАЗИФАИ БОШАРАФИ ҲАРБӢ

***Артиши миллиамон сол аз сол такмил ёфта, дараҷаи тайёрии қӯшинҳои он ҳам аз ҷиҳати техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати тактикӣ баланд мегардад. Имрӯз хидмат дар сафи Артиши миллӣ орзуи ҳар як ҷавонмарди Ватан мебошад.***

Дар Шӯрои марказии ташкилоти кумакрасони «Ватанпарвар»-и Вазорати мудофиа бо ҳамкории Шӯрои ҳарбӣ-ватанпарварии назди Иттиҳоди журналистон таҳти мавзӯи «Инъикоси ҷиҳатҳои ба худ хоси ислоҳоти ҳарбӣ дар матбуот» сӯҳбати «мизи мудаввар» баргузор шуд.

Дар ҷамъомад намояндагони Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати вазъиятҳои фавқулода, курсантҳои Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ иштирок намуданд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди журналистон Холмурод Салимов таъкид кард, ки Артиши миллии мо ба қисми ҷудонопазири ҷамъият, ба қувваи пешбари ояндаи кишвар табдил гардида, барои дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас ва хидматчиёни ҳарбӣ, мустаҳкамкунии мавқеи фаъоли ҳаёти онҳо, баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии шаҳрвандон хидмат менамояд. Ҳифзи Ватан новобаста ба синну сол, касб ва фаъолият вазифаи шарафноки ҳар як шаҳрванд мебошад.

— Ҷанбаҳои мушаххаси инъикоси мавзӯъҳои ҳарбӣ дар матбуот, ҷавононро дар рӯҳи ватандустӣ тарбия кардан, байни халқ ва артиш алоқаи хуб барқарор намудан ва маълумоти холисона ва мукаммал пешниҳод кардан, тавассути матбуот мунтазам инъикос намудани фаъолияти ҳарбиро бояд беш аз пеш такон бахшем, — гуфт мудири кафедраи Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавӣ Алиҷон Сафаров.

Дар ҷамъомад раиси Шӯрои ҳарбӣ-ватанпарварии назди Иттиҳоди журналистон Аҳрор Очилов таъкид намуд, ки солҳои охир бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани салоҳияти ҷанговаронаи Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҷониби Сарвари давлат зиёда аз даҳ қарору фармон имзо шудаанд. Барои баланд бардоштани нуфузи хидмати ҳарбӣ масъалаҳои ҳимояи иҷтимоии аъзоёни оилаи хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорон ҳаллу фасл мешавад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ХАБАР

## Дар бораи ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ғайр аз ин сабаби маҳдудияти имконияти санҷиши қонунмандӣ, асоснокӣ ва адолатнокии қарорҳои суд аз тариқи низоми сезинавӣ дар қабул кардани қарори ниҳоӣ бинобар парванда аз зарурияти такмил додани низоми мазкур аз тариқи истифодаи самараноки имкониятҳои зинаи мобайнӣ – судҳои вилоятӣ шаҳодат медиҳад.

Бинобар қонуни мазкур ба Кодекси ҷиноиву просессуалие, ки меъёрҳои просессуалиро оид ба таҷдиди назар шудани қарорҳои судии ҳанӯз иқтидори қонунӣ пайдо накарда, дар асоси шикоятҳо (эътирозҳо) бо тартиби аппелятсионӣ, ки қарорҳои судӣ дар тартиби касатсионӣ иқтидори қонунӣ пайдо кардаанд, қарорҳои судии дар тартиби аппелятсионӣ ё худ касатсионӣ – дар тартиби санҷиш баррасишуда тағйирот ва иловаҳо ворид карда мешаванд.

Ҳамчунин меъёрҳои просессуалӣ дар бораи додани ваколат оид ба дида баромадани қарорҳои судии иқтидори қонунӣ пайдокарда дар тартиби касатсионӣ ба судҳои вилоятӣ ва судҳои ба онҳо баробар, боздоштани таҷрибаи бекор кардани қарорҳои судӣ аз ҷониби судҳои болоӣ ва барои баррасии нав ба судҳои идораҳои поёнӣ фиристодани парвандаҳо ворид карда мешаванд.

Сенаторон таъкид карданд, ки қонуни мазкур аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки ба таъмин сохтани ҳифзи муътамади ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, минбаъд баланд бардоштани сифати суди одил нигаронида шудааст.

Қабул гардидани қонун ба баланд бардоштани масъулияти судҳо, босифат ва саривақт дида баромадани парвандаҳо, самарабахш истифода бурдани имконияти судҳои вилоятӣ ва судҳои ба онҳо баробар дар таҷдиди назар шудани қарорҳои судӣ, вусъат додани имконияти шаҳрвандон бобати истифодаи ҳуқуқ ба шикоят ва пешгирии норизоӣ, ҳамчунин роҳ надодан ба ташвишҳои иловагӣ хидмат мекунад.

Баъди анҷоми муҳокимаҳо сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Дар ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенат ҳамчунин Қонун «Дар бораи ворид кардани иловаҳо ва тағйирот ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ба такмил додани низоми рухсатнома ва тартиботи рухсатдиҳӣ дар соҳаи муомилаи криптоактивҳо нигаронида шудаанд» муҳокима гардид.

Солҳои охир дар мамлакат бобати рушди соҳаи муомилаи пулҳои рамзӣ (криптоактивҳо) чораҳои маҷмӯӣ татбиқ мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ба сифати хелҳои фаъолият дар соҳаи муомилаи криптоактивҳо, майнинг ва фаъолияти провайдерҳои хидматгузор дар соҳаи муомилоти криптоактивҳо ва муқаррар намудани татбиқсозии ин намудҳои фаъолият дар пояи рухсатномавӣ ва тартиботи рухсатномадиҳӣ муайян карда шуданд. Ба сифати намудҳои хидматрасонии провайдерҳо криптобиржа, пули майнингӣ, криптодипозиторҳо ва криптомагазинҳо муайян шуданд.

Вобаста ба ин дар қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва «Дар бораи рухсатномаҳо, тартиботи рухсатномадиҳӣ ва хабардоркунӣ» тағйирот ва иловаҳое ворид карда мешаванд, ки муқаррар кардани хелҳои нав ва намудҳои фаъолияти рухсатномавӣ (криптобиржа, пулҳои майнингӣ, криптодепозиторҳо ва криптомагазинҳо) ва фаъолият бинобар майнингро, ки дар пояи ҳуҷҷати дорои ҷиҳати иҷозатдиҳӣ татбиқ мешаванд, дар назар дорад.

Ғайр аз ин, ваколати Оҷонсии миллии лоиҳаҳои пешомадкноки Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба масъалаҳои рухсатномавӣ ва татбиқи тартиботи рухсатномадиҳӣ дар соҳаи муомилоти криптоактивҳо сабт меёбад.

Боз як махсусияти муҳими қонун он аст, ки фаъолияти пулҳои майнингӣ, криптодепозиторҳо ва криптомагазинҳо ҳамчун намуди фаъолияте, ки гирифтани ҳуҷҷатҳои дорои ҷиҳати рухсатдиҳиро тақозо мекунанд, пурра карда мешавад.

Баробари ин барои татбиқ сохтани майнинг бидуни қайд ё худ боистифода аз ҳуҷҷатҳои сохта дар ҳаҷми 150 ҳисобу китоби асосӣ ҷарима муқаррар карда мешавад.

Ғайр аз ин ба Қонун «Дар бораи боҷи давлатӣ» илова дохил карда шуда, барои ашхоси ҳуқуқие, ки рухсатномаро баҳри татбиқ сохтани фаъолияти хидматрасонии провайдерӣ дар соҳаи муомилоти криптоактивҳо мегиранд, боҷи давлатӣ ҷорӣ мегардад, ваколат бинобар муқаррар кардани миқдори он ва тартиби пардохт ба зиммаи Оҷонсии миллии лоиҳаҳои пешомаднок гузошта мешавад.

Дар навбати худ дар ҷараёни муҳокимаи қонун аъзои Сенат таъкид карданд, ки тағйирот ва иловаҳои дохилшуда норасоиҳоро дар танзими фаъолияти соҳаи муомилоти криптоактивҳо, аз ҷумла муайян кардани хел ва намудҳои фаъолияте, ки дар асоси рухсатномавӣ ва тартиботи рухсатдиҳӣ татбиқ мешаванд, аз байн мебардорад.

Сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Сипас дар ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенат Қонун «Дар бораи дохил кардани тағйирот ба моддаи $3^1$-и Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи адвокатура» муҳокима гардид.

Қайд шуд, ки солҳои охир дар мамлакати мо ислоҳоти васеъмиқёс татбиқ мешаванд, ки ба баланд бардоштани нақш ва моҳияти адвокатура ҳамчун яке аз идораҳои самарабахши таъмин сохтани ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон нигаронида шудаанд.

Аз ҷумла чораҳои қабул гардиданд, ки ба таъмин сохтани мустақилии идораи адвокатура ва адвокатҳо, ба роҳ мондани кор дар асоси раванди рақобати ҷонибҳо дар тамоми давраи суд нигаронида шудаанд, пойгоҳи зарурии конунгузорӣ барои аз ҷониби адвокатҳо татбиқ намудани фаъолияти касбии худ ташаккул ёфт.

Баробари ин зарурияти минбаъд сода кардани тартиботи дар адвокатура ба кор қабул кардан, ҳамчунин содатар намудани тартиби гирифтани рухсат барои ҳуқуқи машғулшавӣ ба фаъолияти адвокатӣ ба миён меояд.

Бинобар ҳамин ҳам мувофиқи қонуни мазкур талабот дар бораи он ки шахси довталаб ба супурдани имтиҳон барои гирифтани рухсатномаи ҳуқуқи машғулшавӣ ба фаъолияти адвокатӣ бояд бинобар ихтисоси ҳуқуқӣ на камтар аз ду сол собиқаи корӣ дошта бошад,бекор карда мешавад.

Бинобар ақидаи сенаторон қабул кардани қонуни мазкур ба баланд бардоштани ҷолибияти соҳаи адвокатура ва созмон додани низоми самарабахши ба он ҷалб намудани мутахассис ва кадрҳои ҷавоне, ки собиқаи дусолаи кор оид ба ихтисоси ҳуқуқӣ надоранд, хидмат мекунад.

Сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Бо ҳамин рӯзи аввали кори ҷамъомади умумии чилу сеюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон анҷом ёфт.

**Хидмати иттилоотии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**



***Чеҳраи намоёни ҳунар, нақшофари варзидаи театр ва синамо Ёдгор Саъдиевро берун аз ҷумҳурӣ низ мешиносанд. Хусусан дар Тоҷикистон ҳаводоронаш зиёд. Ҳамкориаш бо «Тоҷикфилм» ба ин боис шудааст.***
***Зодаи шаҳри Тошканд (1946) ва хатмкардаи Институти театр ва санъати рассомии ба номи Островский (1971), чанде дар театри ҷавонон «Ёш гвардия» ҳунар намудааст. Солҳои зиёдест, ки дар ҳозира Театри миллӣ-академии Ӯзбекистон фаъолият мебарад.***

## ЁДГОР САЪДИЕВ: МАРО БИҶӮЕД АЗ СӮХ

Вай ба ин даргоҳи муътабари ҳунар даврае қадам гузошт, ки Набӣ Раҳимов, Олим Хӯҷаев, Шукур Бурҳонов, Зайнаб Садриева, Ғанӣ Аъзамов барин ситорагони санъати театру кино ободгари саҳнаи он буданд. Кор бо ин гуна устодони воқеии саҳна, албатта, шараф ҳисоб меёфт ба истеъдодҳое, ки нав қадам мезанад дар пайроҳаи ҳунар.

Коргардонҳои кинову театр, воқеан, нақши дучоршударо ба ӯ намесупоранд. Нақшҳоеро мебозад, ки мисле барояш хос ва мосанд.

Ғолибан, эътибори ӯро танҳо асарҳое ба худ мекашанд, ки ғояи баланд доранд, ифодагари мазмунҳои иҷтимоию фалсафӣ дар воқеаҳои ҳаётианд. Актёр олами ботинии қаҳрамони худро пеши назари бинанда ба таври табиӣ ҷилвагар сохта, эҳсосоти қалбӣ ва олами ботинии ӯро ба тарзи тезутунди психологӣ талқин месозад. Зоҳиру ботини қаҳрамон дар иҷрои ӯ нафақат бо сухан, диологу монологҳо, айни замон тавассути имову ишорот ва ҳаракати драматикӣ намоён шуда ва ин ҳама бидуни ихтиёр ба ҳиссиёти тамошобин асар мекунад, бинандаро бефарқ намегузорад.

Ҷиддияти том, ки дар шахси Ёдгор Саъдиев ҳувайдост, мисле ба нақшҳои гуногунаш дар синамову спектаклҳо сироят кардаанд. Симоҳое меофарад мисли худаш хеле ҷиддӣ. Вале ин маъное надорад мазҳакаро ба табиаташ бегона шуморад. Шудааст бо иҷрои хуб дар мазҳакаҳои «Исёни арӯсон» ва «Зангирӣ»тамошобинонро ба завқ орад ва хандонад.

Ҳунарпешагон хусусан дар солҳои охир хеле серкор метобанд. Филмҳои зиёди бадеиву телесериалҳо ба сурат бардошта мешавад. Шояд режиссёре нест, бо ҳунарпешагони маъруф ва шинохтае мисли ӯ ҳамкориро орзу накунад. Вале Ёдгор Саъдиев хуб медонад дар ин гуна маврид чӣ кор кунад. Бигзор онҳое ҳар гуна таклифро қабул ва худро ба чаҳор самт зананд, ки манфиати моддиро бештар фикр мекунанд. Ҳол он ки аз меъёр зиёд чеҳранамоӣ дар экран ба чӣ оқибатҳо меоварад, ба нақшофарҳое, ки қадри худро медонанд, маълум.

Бинобар ҳамин ҳам актёроне чун Ёдгор Саъдиев саъй мекунанд бо «камнамоӣ» қадр ва ҳурмати худро нигоҳ доранд.

Бо вуҷуди ҳамин қаҳрамони лавҳаи мо дар кино ва театри замонавӣ бараканок эҷод карда, чун ҳунарпешаи сермаҳсул шинохта шудааст. Бе эҷод ва нақшҳои офаридааш, хусусан, намоишҳои саҳнавии Театри миллиро дар ним асри охир тасаввур кардан душвор. Вай нақшҳои сафири фаронсавӣ (аз «Мирзо Улуғбек»), Карл Моро («Роҳзанҳо»), Кочкарёв («Зангирӣ»), афсонагӯ («Маликаи барфӣ»), Ғафур («Бой ва хидматчӣ»), Прометей («Оташро напарто, Прометей»), писари хурд («Ғарибон»), Бобур («Шабҳои ситоразор»), Климков («Дар рӯйихатҳо нестанд»), Арслон («Оина»), Абдураҳмон («Каждум аз меҳроб»), Филипп («Рӯъё»), Аброр Ҳидоятов (»Тамошо давом мекунад») ва амсоли онҳоро хотирмон бозид ва ба дили тамошобинҳои зиёд роҳ ёфт. Айни замон эътиборан аз солҳои шастуми асри сипаришуда бо киностудия аз наздик ҳамкорӣ кард. Симои хеле ҷавони ӯро, аз ҷумла, дар картинаҳои «Дилбарам» ва «Кӯчаи сенздаҳсафедор» дида метавонем. Абдусалому Олимҷони вай, инак, бештар аз ним аср инҷониб ба дӯстдорони санъати кино қарин. Ҷуз ин нақшҳои Додобӯрӣ («Армон») ва Шайх Ҷаъфар («Мағлубнопазир») дар иҷрои ӯ мондагорӣ касб кардаанд.

Ёдгор Саъдиев бо иҷрои қобили таваҷҷуҳ ба қимати видеофилм ва теленамоишҳо низ афзудааст. Дар филми тасвирии «Абӯалӣ ибни Сино» нақши Синои бузургворро бозида бошад, дар «Алишер Навоӣ»-и таърихӣ Бадеъуззамонро пеши назари бинанда зинда гардонд. Нақшҳои Ҷаббор («Диёнат») ва Орифҷон («Имон»), айни вақт, ба бештар маҳбубият пайдо карданаш сабаб гардиданд.

Дар солҳои ҳаштодуми қарни сипаришуда бинандагони оинаи нилгунро хусусан ду видеофилм, ки аз тариқи телевизиони ҷумҳурӣ намоиш дода шуданд, хеле мутаваҷҷеҳ сохт: «Хонадомод» ва «Гирдоб», ки дар онҳо нақшҳои марказиро Ёдгор Саъдиев ва Эркин Комилов бозидаанд. Ӯринбой (аз «Хонадомод») образи мусбат аст, Йӯлдош («Гирдоб»), баръакс, образи манфист ва Ёдгор Саъдиев ба тасбит расонд дар иҷрои чӣ гуна нақше набошад, маҳорати комил дорад.

Номи қаҳрамоне, ки ба туфайли иҷрои аълои нақшофар маъруф шудааст, ба худи ӯ «гузаштанаш» ҳам мумкин. Масалан, Ғанӣ Аъзамовро Мӯъмин («Девори тиллоӣ») номанду Шукур Бурҳоновро Эдип («Шоҳ Эдип»), Теша Мӯъминов («Хуни муқаддас») – чун Тӯйчӣ дар байни аҳолӣ машҳур гашту Абдураҳим Абдуваҳҳобов («Бачаи шум») – ҳамчун Шумбола. Обид Юнусов Уткӯрӣ ном гирифт. Қаҳрамони ҳикояи мо Ёдгор Саъдиев-чӣ?

Қисмате аз ҳаводоронаш ӯро бо номи роле, ки дар телефилми бисёрқисматаи «Шайтанат» бозид, Асадбек ном мебаранд. Зимнан, дар рӯйи экранро дидани асари ҳамноми Тоҳир Малик иҷрогари нақши марказӣ Ёдгор Саъдиев саҳми муҳим гузошт. Аз қисми ҳафтум сар карда, то қисми охирин. Саъдиев дар офаридани телесериал вазифаи коргардониро низ ба зимма гирифта буд. Алалхусус, Асадбеке, ки ӯ офарид,бисёр образи мураккаб.

Гурӯҳи ҳунарӣ тахти сарпарастии Саъдиев ҳанӯз биступанҷ сол пеш дар сериалофарӣ ба чӣ қодир будани эҷодкорони миллиро намоиш карда буданд.

Мегӯянд актёри номӣ дар ҷавонӣ футболбоз – аъзои клуби «Пахтакор» будааст. Баъдтар дар муҷассамаофарӣ низ худро санҷида, бо кумаки мутахассисони соҳа нимтанаи устодаш Набӣ Раҳимовро бо маҳорати баланд офаридааст.

Аз робитааш бо киносозони тоҷик ҳарф задем. Хусусан, дар картинаи шашсериягии «Ҷӯрашикорчӣ аз Минархар» (истеҳсоли «Тоҷикфилм», 1985, коргардон Сайидо Қурбонов)) вай бо иҷрои нақши Тағой ба қалби дӯстдорони кинои тоҷик роҳ ёфт. Воқеаҳо солҳои 1918–1928 дар Помир рӯй медиҳанд. Симои то андозае тоҷиконаи яке аз қаҳрамонҳо дар тимсоли Тағой ба табиӣ баромадани сериал ва мақоми хос пайдо кардани он дар байни филмҳои бисёрқисмата дар даврai шӯравӣ сабаб шудааст.

Баҳори соли гузашта бо ташаббуси Федератсияи иттифоқи касабавии ҷумҳурӣ дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона бо иштироки ҳунарпешагони номдор чорабинии маънавӣ-фарҳангӣ рӯйи кор омад. Бо расидани навбати Ёдгор Саъдиев саҳна ҷон гирифт, эҳсоси мардум бештар ба ҷунбиш омад, завқу шавқ толорро пур кард. Ёдгорака низ дар ибтидои баромад муҳаббати ба сӯхиён, меҳри ба ин мавзеи биҳиштосо доштаашро гуфт ва бадоҳатан як шеър хонд, ки бо ин мисраъҳо тамом мешавад:

*«Гум шуд Ёдгор, Ӯро аз Сӯх*
*биҷӯед».*

Ҳаводоронаш медонистанд, ки Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон, барандаи Мукофоти давлатии ба номи Ҳамза Ёдгор Саъдиев нафақат актёр ва режиссёри бомаҳорат, ҳамчунин ҳофизи хушадост. Вай яке аз таронаҳои миллиро дар ҳавои сурудҳои классикӣ иҷро кард. Мардум сипосу ихлоси қалбиашро бо кафкӯбиҳои бардавом изҳор намуд. «Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр» ва дигаргунатар ифода созем, аз рӯйи меҳр, аз рӯйи меҳр ва аз рӯйи меҳр.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ.**

*Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат*

## САРБОЗИ ҲАЁТ

*(Очерк)*

***Мо барои бахту осоиштагии ҳаёти ҳар як инсон, ки дар кишварамон зисту зиндагӣ дорад, беҳбудии саломатии ӯ, соҳиби таълими хуб шудан, муҳайё сохтани шароити оилавӣ, фароҳам овардани тамоми имкониятҳо барои ӯ саъю кӯшиш мекунем ва ин амали некро мунтазам давом медиҳем.***

**Шавкат МИРЗИЁЕВ.**

Барои мо навиштани матолибе доир ба раиси Маркази фарҳангии эрониёни Самарқанд Равшан Ғуломов, ки барои адолату ҳақиқат, халқу миллат талош меварзад, ифтихору хушнудист. Воқеан, пас аз вохӯрӣ бо ӯ дар дафтари қайдҳои камина маълумоти зиёди ҷолиби диққат сабт ёфт, ки аз ин хусус, ҳатто китоб навиштан имконпазир аст. Аз ин рӯ оид ба ӯ, ки тақдири хос дорад, ҳамчун ҳиссае аз қиссаи шавқовару ибратбахш пешкаши мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» мекунем.

Ӯ соли 1960 дар гузари Панҷоби шаҳри Самарқанд чашм ба олами ҳастӣ кушод. Пас аз хатми мактаби миёна шомили факултаи филологияи ӯзбеку тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд гардид. Аз устодони сахтгир, вале меҳрубону ғамхор – академикҳо Воҳид Абдулло, Ботурхон Валихоҷаев, профессорон Саъдулло Мирзоев, Мирҷамол Мирсаидов, Далилӣ, Атоӣ ва дигарон сабақ гирифт. Маҳз солҳои таҳсил ба варзиш, хосатан самбо, дзюдо, гӯштии миллӣ болодаст гашта, унвони устоди байналхалқии варзишро соҳиб шуд. Соли 1981 дар Маскав мусобиқа ба хотири варзишгари номдор Харламнидӣ ба вуқӯъ пайвасту Равшан дар вазни беш аз 100 кило пирӯз гашт ва номи «Паҳлавон»-ро ширифт.

### Марди кордону сухандон

Равшан Ғуломов ҳар як саҳифаи китоби рӯзгори хешро бо ҳарфҳои сангин сабт кардааст, ки ҳаргиз зудуда намешаванд.

Соли 2001. Собиқ ҳокими вилоят, ҳоло сарвари давлат Шавкат Мирзиёев, ки барои ободу зебо кардани Самарқанд камари ҳиммат баста буд, нобаҳангом ба гузари Панҷоб омад. Ташрифи ӯ аз боздиди масҷиди ҷомеъ ва мадрасаи қадима оғоз ёфт. Он айём маҷмӯаи ёдгорӣ ҳоли табоҳ дошт.

– Ту, полвон, амини маҳалла, шарм намедорӣ, – ба Равшан Ғуломов муроҷиат намуд Шавкат Мирамонович, – охир чунин ҷойи муқаддас ба харобазор мубаддал шудааст-ку! Шумо, аҳли гузар ба насли оянда чӣ мерос мегузоред?

– Маҷмӯа дар ихтиёри идораи ақди никоҳи шаҳр аст, – гуфт амини маҳалла дар ҷавоб.

– Фаромӯш накунед, ки савобу гуноҳи он ба зиммаи шумост. Фардо бо ҳуҷҷат ва таклиф ба ҳокимияти вилоят биё, – супориш дод ҳоким, – ин масъаларо якҷо ҳал мекунем. Фаҳмо?

– Фаҳмо, – аз бепарвоии худ хиҷолат кашида, ваъда дод Равшан.

Равшанполвон «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» гуфта, бо фаъолон ва мӯйсафедони рӯзгордида машварат ороста, чанд таклифу дархости онҳоро рӯйи коғаз овард. Дар байни онҳо собиқ сафири Ӯзбекистон дар Эрон Эркин Хоҷаев, набераи маърифатпарвар Саидризо Ализода Фарҳод ва дигарон буданд.

Ҳоким вакилони маҳаллаи Панҷобро пазируфт ва зуд ба мақсад гузашт:

– Ҳозир ба ҳокими шаҳр супориш медиҳам, ки идораи ақди никоҳро аз маҷмӯаи ёдгорӣ ба дигар ҷой кӯчонад, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Барои таъмир аз ҳисоби ҳокимият бист миллион сӯм ҷудо карда мешавад, лекин, ба фикрам, ин маблағ кофӣ нест.

– Шавкат Мирамонович, мардуми мо ҳимматбаланд, – даст сари сина гузошт Равшанполвон, – корҳои таъмиру тармимро бо роҳи ҳашар ба ҷо меоварем.

– Ман медонистам, ки Равшан на танҳо паҳлавони майдон, балки марди кордону сухандон ҳам ҳаст, – завқ кард ҳоким, – аз ҳаракат – баракат гуфтаанд.

### Ҳар он кас, ки «Шаҳнома»-хонӣ кунад…

Панҷобиён аз қабули ҳоким хушҳол баромада, барои ободу зебо кардани манзили хеш, хосатан маҷмӯаи ёдгорӣ, қабристон, кӯча камар бастанд. Ҳимматбаланду саховатпешагон бо маблағ кумак расонданд. Сафоратхонаи Эрон дар Ӯзбекистон низ дасти ёрӣ дароз кард. Ҳатто муҷассамаи Абулқосим Фирдавсиро туҳфа намуд, то дар маркази маҳалла гузоранд.

Аз ҳама муҳимаш, баъзан ҳокими вилоят сари роҳ ба ин ҷо омада, ба ҳашарчиён рӯҳ мебахшид.

– Аз ғайрату шуҷоати шумо хабардорам, Равшанполвон, – гуфт устодаш Ботурхон Валихоҷаев, – аммо зуд-зуд ба шуъбаи дастхатҳои Шарқи китобхонаи донишгоҳ омаданатон хеле нағз. Маслиҳати ман бештар асарҳои классикон, алалхусус «Шоҳнома»-и Фирдавсиро мутолиа кунед, ки бузургтарин ҳамоса дар адабиёти мост. «Шоҳнома» ва рӯҳи поки Фирдавсӣ дар лаҳзаҳои душвор мададгор хоҳанд шуд. Беҳуда нагуфтаанд:

*Ҳар он кас, ки «Шаҳнома»-хонӣ*
*кунад,*
*Агар зан бувад, қаҳрамонӣ кунад!*

### Шуҷоат ба кирдор аст, на ба гуфтор

Рост гуфтаанд, ҳар ҷо ҳабибест, дар он ҷой рақибест. Дар байни мардум, роҳбарияти вилояту ҷумҳурӣ ва варзишгарон эҳтиром пайдо кардани Равшанполвон ба ҳасудон нафорид. «Гандумнамои ҷавфурӯшон» бо ҳар роҳ ба ӯ туҳмат мекарданд ва ниҳоят ба муроди нопоки худ расиданд. Шахсони дилсиёҳ, аз фурсат истифода бурда, ба идораҳои дахлдор хабар додаанд, ки амини маҳаллаи Панҷоб Равшан Ғуломов ҳамчун ҷонишини раиси ҷамъият дар корҳои зишт даст дорад. Ғайричашмдошт Равшанполвон номи «ҷосус»-ро гирифт ва паси панҷара шуд.

Лаҳзаҳои душвору сангин ва азоби рӯҳиву ҷисмонӣ шаш моҳ давом ёфт, то ҳақ ба ҳақдор расад. Тасаллои дили ӯ ин байти Зебунисо буд:

*Навмед набояд шудан аз гардиши*
*айём,*
*Ҳар шом, ки ояд зи пайи он саҳаре*
*ҳаст.*

### Зинда бод, озодӣ!

Агар ман ин қиссаи зиндагиамро бо дили софу беолоиш бигӯям, баъзеҳо онро ҳазён мепиндоранд. Оре, айб мондан кори осон аст!

Қаҳрамони мо ба озодӣ баромаду рост ба қабристони маҳалла рафт, то зиёрат кунад, ояте аз Қуръони карим тиловат намуда, ба рӯҳи поки гузаштагон бахшад. Зеро Равшанполвон, ҳангоми паси панҷара будан даст ба дуо бардошта, аз Парвардигори меҳрубон мепурсид, ки зудтар дари зиндон боз шаваду ба озодӣ барояд. Ва хушбахтона орзуяш ҷомаи амал пӯшиду дар ҳалқаи аҳли оила аст!

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Андешаҳо*

## ЧУН МУРАББӢ ШУД ПАДАР…

Тараққиёти босуръати иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди босуръати илму техника, дар ҳаҷми калон дохил гардидани инноватсияҳои истеҳсолӣ, фарогирии васеи шабакаҳои интернетӣ ва дар ин замина муҳайё гардидани имконоти зиёд барои худомӯзии ҷавонон, ба тарбия ва ташаккули камолоти онҳо бетаъсир намонд. Мустақилии ҷавонон афзуд ва баъзеҳо мувофиқи салоҳдид ва ҷаҳонбинии танг роҳу равиши зиндагии худро интихоб менамоянд. Касеро гӯш намеандозанд, ҳатто панду насиҳатҳои падару модарро ё худ қарибу наздиконро. Тарзи зиндагии сабуку осонро пеша намуда, ба урфу одатҳои бегонаи ба менталитети мо зид эътиқод оваранд. Ҳатто байни волидон, ки ба тарбияи атфоли худ масъул мебошанд, падару модароне пайдо шудаанд, худро «замонавӣ» пиндошта, ба тарбияи фарзанд беэътиборона муносибат доранд.

Имрӯз ибораи «маданияти оммавӣ» доман густурдааст. Бегонапарастӣ байни ҷавонон беш аз пеш ба мушоҳида мерасад. Ноҳурматӣ ба мероси мондагори ниёкон, қадриятҳои миллӣ, поймол гардидани урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ҳукмфармо гардидааст. Дар замири ин ҳама «замонавӣ» будан нуҳуфта аст. Ҷавононе, ки сафедро аз сиёҳ, хубро аз бад фарқ намекунанд, ба ин ҷараён рӯ оварда, ба он гаравидаанд. Баъзан волидон ба ин ҷараён бепарвоӣ ва беэътиборӣ менамоянд.Онҳо масъулияти худро дар тарбияи фарзанд ба фаромӯшӣ додаанд. Ташвишовар аст ин ҳолат.

Тарбия чист? Тарбия ва таълим чӣ ҳамбастагӣ ва аз ҳам чӣ тафовут доранд?

Истилоҳи «тарбия» дар ФЗТ ба маънои парвариш, адаб омӯхтан, таълим ва омӯхтан шарҳ ёфтааст. Тарбиятгар бошад, ба маънои он ки парвариш мекунад, тарбияткунанда, мураббӣ омадааст.

«Таълим» ба касе чизеро омӯхтан, ёд додан, яъне ба касе дониш додан, дониш омӯхтан будааст. Пас тарбия, пеш аз ҳама, таъсиррасонӣ мебошад. Баъзан мо тафовути истилоҳоти «парвариш» ва »омӯхтан, ёд додан»-ро дарк намекунем. Ҳамин ҷо ба иштибоҳ роҳ медиҳем. Ба донишомӯзии фарзанд эътибор диҳем ҳам, ба парвариши ӯ беэътиборӣ менамоем. Тарбияи фарзанд шабеҳ ба ниҳолпарварист. Агар ниҳолро хуб парвариш намоем, обу донашро дар вақташ диҳем, он зуд ба воя расида, ҳосили фаровон медиҳад. Фарзанди хуб ҳам ба «боғи падар» табдил ёфта, боиси ифтихори ӯ мегардад.

Тарбияи фарзанд масъалаи масъулиятнок ва муҳими рӯз аст. Тарбияи фарзанд дар батни модар оғоз меёбад. Ошкор аст, инсон дар ду ҳолат инсон аст: ҳаёти моддӣ ва маънавӣ. Чун аз онҳо яке осеб дид, инсони комил ба воя намерасад. Ва ин ҳар ду марбут ба тарбия ва таълим мебошад. Ин ҳодисаи иҷтимоӣ марбут аст ба ҳолати моддӣ ва маънавии модар.

Айёми кӯдакӣ низ ба тарбияи бадан (тозагӣ ва хӯрду хӯрок) пеш аз ҳама шири модар вобаста аст. Ба ташаккули маънавияти кӯдак суруди «Алла» ва оҳанги қироати он таъсири амиқ дорад. Ривоят мекунанд, ки истилоҳи «Алла»аз калимаи «Аллоҳ» ба миён омада, модар аз Офаридгор илтиҷо дорад, то кӯдакашро дар паноҳаш нигоҳ дошта, солим ба камол расонад. «Алла» нахуст сарчашмаест, ки маҳз туфайли модар ба кӯдак ғизои маънавӣ бахшад, эҳсосоти ватандориву ватанпарварӣ, қаҳрамониву далерӣ, меҳру оқибат, муҳаббати инсондӯстиву инсонпарвариро ташаккул диҳад. Қалби кӯдакро аз ҳар гуна ғубору олудагиҳои бегона покиза нигоҳ дорад.

Афсонаву ривоятҳо дар ташаккули маънавияти кӯдак нақши бозасо доранд. Маҳз афсонаю ривоятҳо дар зеҳну қалби кӯдак «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек»-ро, ки анъанаи аҷдодии мост, сайқал медиҳанд. Дар замири ҳар як афсонаву ривоят одобу ахлоқ, некӣ, ору номус, ғурур, андеша барин фазилатҳои инсонӣ нуҳуфта аст. Сад афсус, имрӯз сурудани «Алла»-ю нақли афсонаю ривоятҳо қариб, ки аз байн рафтааст. Модарони ҷавони аллагӯ, момою бобоёни афсонагӯ кам андар кам дучор меоянд. Ҷойи ин ҳама манбаъҳои гаронмояи маънавиро сурудҳои аврупоии гӯшакҳо гирифтааст. Бегонапарастӣ маҳз аз ҳамин ҷо ибтидо гирад. Кӯдак аз меҳри модару бобою момои афсонагӯ маҳрум аст. Ба қалби поку беолоиши ӯ забони бегонаву оҳанги бегона роҳ меёбад. Онҳо фарзанди «замонавӣ» тарбия мекардаанд?! Бепарвоиву беэътиборӣ қадамест ба сӯйи «маданияти оммавӣ». Бешубҳа, аз тараққиёт ва дигаргуниҳои кулли хоҷагии халқ барномаҳои оинаи нилгун, хосатан, истеҳсол ва ба навор гирифтани мултфилмҳо дар канор намондааст. Тариқи барномаҳои телевизон ҳар гуна мултфилмҳо ба намоиш гузошта мешавад. Онҳо ба менталитети мо хосу мос аст ё не, модарон кӯдаки худро назди телевизор гузошта, ба кори худ машғул мешаванд. Фарзанди онҳо чиро тамошо мекунад, онҳоро фарқ надорад. Кӯдак хомӯш бошад бас аст онҳоро. Имрӯз мултфилмҳое ба тамошо гузошта мешаванд, ки мо – калонсолон назди аҳли оила аз тамошои он шарм медорем. Ғояи баъзе мултфилмҳоро таҷовуз, ваҳшоният ё худ «муҳаббат» ном ҳиссиёти нафратовар фаро гирифтааст. «Ҳуҷуми мӯрчаҳо», «Ширкати махлуқҳо» ном мултфилмҳо аз зумраи филмҳои номбурдаанд.

Ҳа, имрӯз китобхонӣ кам шудааст, «Алла»- гӯиву афсонагӯйӣ ба фаромӯшӣ расида. Солҳои сол ифодаи «таълиму тарбия» вирди забонҳо буд. Вале мо ба таълим эътибори бештар дода, тарбияро ба фаромӯшӣ дода будем. Ҳикмати мондагори «Олим шудан осон, одам шудан мушкил аст»-ро ба фаромӯшӣ додем. Аз таҷрибаи бойи ниёкон мақсаднок корбурд накардем. Аз пайи фарҳанги бегонагон давидем. Мадди назар намудем, ки Абдурауф Фитрат фармуда буд: «Таҷрибаи аврупоиҳоро омӯхтан зарур аст. Таҳсил дар Аврупо набояд ба мақсади таърифу тавсифи адолати аврупоиҳо, балки барои ҳимоя ва наҷоти худ аз онҳо сурат гирад». Зикри як нуктаро муҳим медонам. Имрӯз аксар ҷавонон асосан як ё ду фанни асосии имтиҳони ба донишгоҳ дохилшавиро механанду меомӯзанд. Назди репетитор ҳам ҳамин фанҳоро ёд мегиранд. Китоби бадеӣ намехонанд, асосҳои маънавиятро ба пургӣ намеомӯзанд. Вақти холии худро бо шунидани сурудҳои бегонаи интернет ва тамошои ҳар гуна шабакаҳои он мегузаронанд. Ба ин ҷараён баъзан падару модарон бепарвоӣ мекунанд, ё худ беэътиборанд. Рафтори фарзандро назорат намекунанд.

Ба мушоҳида мерасад, ки ҷавонон ҷараёнҳои геосиёсӣ ва мафкуравии ҷаҳонро хуб дарк намекунанд, дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ назари худро надоранд. Мавқеи муайяни худро дар ҷамъият пайдо карда наметавонанд. Ин омилҳо ба мураккабшавии муносибатҳои оила ва ҷамъият, бепарвоӣ ва лоқайдӣ, ба «маданияти оммавӣ» гаравидани ҷавонон замина пайдо кард. Ислоҳоти доманадори оояндасози соҳаи таълим ба тарбияи ҷавонон бетаъсир намонд. Дар ин самт низ мақсад ва вазифаҳои стратегии тарбия муайян гардид. Дар мактабҳо фанни «Тарбия» ҷорӣ гардид.

Дар Ӯзбекистони Нав муносибат ба тарбия мақоми сазовор пайдо кард. Масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд афзуд. Албатта, ислоҳоти соҳаи таълиму тарбия дар ташаккули ҷавонони комил самара медиҳанд.

Шоир фармудааст:

*Дар муҳаббат тифли ашкам*
*гавҳари дил мешавад,*
*Чун мураббӣ шуд падар,*
*фарзанд қобил мешавад.*

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Хондиза деҳаест хушманзараву дилнишин. Ин гӯшаи фароғатбахш бо ҳавои фораму меваҳои ширинаш, бо мардуми меҳнатдӯсту меҳмоннавозаш овозадор аст. Ҳар кас, ки аз ин ҷо дидан мекунад, дил канда наметавонад аз табиати мафтункораш. Дарёи шӯх аз баландиҳои кӯҳ ҷорӣ шуда, аз миёни деҳа мегузарад. Деҳа саросар бо боғу роғҳои босамар иҳота шудааст. Ана дар канори чунин як манзараи дилфиреб фароғатгоҳи бачагонаи дорои ҳама гуна шароит мавҷуд.***

## ФАРОҒАТГОҲИ БАЧАГОНАИ ХОНДИЗА

Ин фароғатгоҳ аз соли 1964 инҷониб фаъолият мекунад. Дар айни замон дар тасарруфи Федератсияи иттифоқҳои касаба кори худро пеш мебарад. Ҳар сол дар фасли тобистони тафсон фарзандони воҳаи Сурхон ва берун аз он омада таътили тобистонаро дар ин фароғатгоҳ пурмазмун мегузаронанд. Хуллас, ин маскани истироҳатӣ аз дигар масканҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Ба ин фароғатгоҳи бачагона солиёни зиёд марди фарҳангдӯст, шеърдӯсту шоиртабиат Раҳматулло Соҳибов сарварӣ намуд. Маҳз дар даврони раҳбарии ӯ фароғатгоҳ хеле ободу зебо гардид. Ҳама шароит муҳайё карда шуд. Толори замонавӣ барои гузаронидани чорабиниҳои маданӣ-варзишӣ, ошхонаи шинам, бинои нави хобгоҳ ва ҳавзи калон барои оббозӣ бунёд карда шуд. Аз миён чандин фароғатгоҳи бачагона баста шуданд, вале ин маскан ба туфайли чашмикордонии ин марди батадбир на танҳо нигоҳ дошта шуд, балки боз ҳам ободтар шуд. Ҳоло бошад, фароғатгоҳро писари ӯ, ҷавони оқилу доно Ҳусниддин Соҳибов сарварӣ мекунад. Ӯ низ чун падар шахси шоиртабиат буда, хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии Тирмиз мебошад. Чандин сол дар мактаби рақами 76-уми Хондиза дар вазифаи ҷонишини директор оиди корҳои илмӣ ва омӯзгорӣ забон ва адабиёти тоҷик фаъолият нишон дода, таҷрибаи кофӣ пайдо кард ва инак вазифаи пурмасъулияти ба зиммааш бударо сарбаландона адо карда меояд. Дар урфият мегӯянд, ки «мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз». Ҳусниддин аз зумраи шахсонест, ки ҳам илми падар омӯхту ҳам касби падар.

Фароғатгоҳ чун ҳарсола дар мавсим тайёрии ҷиддӣ дида, аз 10 июни соли равон ба кор шурӯъ кард. Имсол дар чор навбат (яъне, дар ҳар навбат 13 рӯзӣ), ҷамъ 875 нафар бачагон табъи дил истироҳат намуданд. Дар ҳар давр 7 гурӯҳ ташкил карда шуд. Дар маскан 1 нафар сармутахассис, 7 нафар мутахассиси пешбаранда ва 7 нафар тарбиятдиҳанда, инчунин омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ, мусиқӣ ҷалб карда шуданд. Дар маскан дар заминаи 5 ташаббус: маҳфилҳои варзишӣ, рассомӣ, компутеромӯзӣ, инчунин забони англисӣ, табиатдӯстони ҷавон ва дастони моҳир фаъолият мебаранд. Ҳини ифтитоҳ ва анҷом ёфтани ҳар як даври истироҳатӣ чорабиниҳои фарҳангӣ, варзишӣ ташкил мегардад. Ҳар сари вақт саёҳат дар оғӯши табиат ба бачагон кайфияти хуш мебахшад. Дар маскан на танҳо аз ноҳияҳои вилоят, балки аз дигар минтақаҳо, яъне аз шаҳри Тошканд, вилоятҳои Самарқанду Бухоро низ бачаҳо омада истироҳат менамоянд. Ҳоло даври чаҳоруми истироҳати бачагон идома дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**



*Сокини ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Наврӯз»-и ноҳияи Хӯҷайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Бағдагул Есемуратова аз ҷумлаи дӯзандагони гулдаст аст. Вай бинобар ҳунари худ ҳам дар оила ва ҳам дар ҷамъият соҳиби обрӯву иззат мебошад. Сарулибосҳои миллӣ ва замонавӣ, кӯрпаву болиштҳои хушдӯхти ӯ харидорони зиёд доранд.*

*Ҳунарманди соҳибтаҷриба аз имтиёзҳое, ки давлат барои бонувон фароҳам овардааст, самарабахш истифода бурда, корхонаи хурди дӯзандагии худро кушод. Ҳоли ҳозир дар ин ҷо беш аз 10 нафар занону духтарон кор мекунанд. Дар назди корхона барои фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дукони савдо низ амал мекунад.*

***Дар сурат: Бағдагул Есемуратова** (дар чап) дар корхонаи хурди дӯзандагиаш.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

# БА РОҲАТЕ НАРАСИД ОН, КИ ЗАҲМАТЕ НАКАШИД...

Бахшида ба Рӯзи дӯстии халқҳо, ки 30-июл дар мамлакатамон таҷлил ёфт, як гурӯҳ ҳамватанонамон бо орден, медал ва нишонҳои сарисинагӣ мукофотонида шуданд. Хушбахтона, дар қатори онҳо ман низ ҳастам, ки бо тавсияи Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо» мушарраф гардидам. Аз он шодам, ки хидмати камтаронаи маро ҳукумат арзёбӣ намудааст.

Беш аз понздаҳ сол аст, ки ҳамчун аъзои фаъоли Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ҷумҳурӣ дар тарғиб намудани муносибати дӯстӣ, кушодадилӣ, рушди забон, фарҳанг, санъат, пойдории арзишҳои миллӣ ҳиссаи ноарзандаи худро мегузорам. Дар гузорондани ҷашнвораҳои бузургони форсу тоҷик, идҳои мардумӣ, шаби шеър, шабнишиниҳои дӯстӣ ба Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ҷумҳурӣ, ҳаракат мекунам, кумак расонам.



Имрӯз дар Ҷумҳурӣ дар 8 муассисаи таълими олӣ кадрҳои ҷавон ба забони тоҷикӣ таълим мегиранд. Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Донишкадаи омӯзгорӣ ва соҳибкории Деҳнав, Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия, Донишгоҳи давлатии Тирмиз, Донишкадаи давлатии омӯзгории Тирмиз, Донишгоҳи давлатии Фарғона ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ аз он ҷумлаанд.

Имрӯз дар муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ 23 ҳазору 754 нафар толибилмон ба забони тоҷикӣ таҳсил мегиранд. Дар соли хониши 2023-2024 дар муассисаҳои таълими олие, ки таълим ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст, параметри қабул 400 ҷой буда, аз он 94-тоаш дар асоси гранти давлатӣ муайян карда шудааст.

Ман аз он мефахрам, ки дар кишвари озоду обод, халқҳояш ҳамдилу ҳаммаслак, кишваре, ки инсон дар он гиромӣ дошта мешавад, ҳаёт ба сар мебарам, ифои вазифа дорам.

Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ фармудааст:

*«Ба роҳате нарасид он, ки заҳмате накашид...»*

**Комилҷон МАВЛОНОВ,**
**сармутахассиси Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсияи Ӯзбекистон.**

**ПАЙВАНД**

# СИМПОЗИУМИ ШЕЪРИ ФОРСӢ ДАР ДУШАНБЕ – ВОҚЕАЕ БУД ТАЪРИХӢ

Соли 1967 дар шаҳри Душанбе воқеаи муҳими адабӣ рӯй дод. Як қатор шоирони бузург ва намоёни форсигӯ, мунаққиду адабиётшиносони барҷаста, доираи васеи илмиву фарҳангӣ дар Симпозиуми шеъри форсӣ ширкат варзиданд.

Чорабинӣ таҳти ташаббуси якҷои Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва ҳунари Эрон рӯйи кор омада буд.

Худи ҳамон сол дар Маскав китобе ба табъ расид бо унвони «Мушоира» (мураттибон Шавкат Ниёзӣ ва Раҳим Ҳошим).

Китоби хушсифат бо ҳуруфи арабӣ чоп шуда буд. Он вақтҳо чопи китоб бо ҳуруфи бобоии арабиасос воқеаи нодир ҳисоб мефт. Хурдсол будам. Устодам Муқаддасхон Зиёев (равонашон шод бод) «Мушоира»-ро, ки дар он беҳтарин намунаҳои қаламии шуарои форсигӯ аз Эрон, Афғонистон, Ҳинду Покистон ва Тоҷикистон ҷой гирифта буданд, ба ман туҳфа карданд. Нав хати арабиасосро меомӯхтам. Китобе надоштам, ки хонам. «Мушоира»-ро бо дили пурҳаяҷон қабул кардам.

Албатта, он рӯзгор ман бояд китобчаҳое мехондам, ки барои хонандагони синни хурд ва миёнаи мактабӣ тавсия шудаанд. Вале ман, барои он ки алифбои бобоиро амиқтар фаро гирифта ва хондани матнҳо бо ҳуруфи классикиро омӯзам, он китоби ба калонсолон пешбинишударо аз даст намегузоштам.

Аз байн солҳои зиёд гузаштанд. «Мушоира» ҳамон «китоби рӯйимизиам»...

Ин китоб нафақат дар «арабихониам» (шиносоӣ ба ҳуруфи арабӣ) аз наздик кӯмак кард, балки олами пурэъҷози шеърияти форсиро то андозае пеши назарам ҷилвагар намуд. Маҳз бо шарофати ҳамин китоб ман ба Мӯъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ барин шоирони тоҷик, ки бароям «номҳои нав» буданд, шинос шудам. Якчанд шеърро азёд кардам. Минҷумла, «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ»-и устод Мӯъмин Қаноатро, ки бо мисраи «Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб…» оғоз меёбад.

Донистам, ки Эрону Афғонистон шоироне доштааст аз қабили Нодир Нодирпур, Сулаймон Лоиқ, Бориқ Шафеӣ ва ҳоказо, ки маҳсули хомаи онҳоро тоҷикон бе душворӣ фаҳмида метавонанд. Ҳиндустону Покистон низ шоирони хушсалиқаи форсигӯ доштааст.

Баъдтар ба таърихи ҳамоиши назми форсӣ дар Душанбе, ки сабабгори тавлиди «Мушоира» буд, таваҷҷуҳ кардам. Донистам, ки дар он асосан масоил ва афкор марбут ба шеъри нав муҳокима карда шудаанд.

Ду сол қабл аз симпозиуми мазкур дар Кобул (Афғонистон) маҷлиси адабӣ бо иштироки намояндагони илму адаб аз панҷ кишвари форсигӯ (Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, Ҳинд ва Покистон) масъалаи тарҷумаи беҳтарин осори адабиёти дунё ба форсӣ ва ҳамоҳанг кардани тарҷумаи истилоҳоти илмии ҷадидро мавриди гуфтугӯ қарор дода будааст.

Вазорати маорифи Афғонистон ба ҷамъомад сару бар гашт. Маҳз бар асари ҳамон маҷлис Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон таҳти сарпарастии шоири шаҳир Мирзо Турсунзода қарор кард «эстафета»-ро қабул созад ва дар ҳамоиши навбатӣ (Душанбе) роҳ ва равиши шеъри нави форсӣ миёни ин кишварҳо табодули назар гардад.

Тавре сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, дар симпозиум, ки дар асл «базми сухан»-ро мемонд, дар баробари шуарову адабиётшиносҳои номвар чанде ховаршиносони шинохта дар бораи шеъри ҷадиди форсӣ баромад карданд. Касе ба тарҷумон ниёз надошт. Намояндагони чанд давлат забони ҳамдигарро, ки умумифорсӣ гӯянд, чун забони модарии худ мефаҳмиданд.

Симпозиуми Душанбе, ки дар он асосан гуфтугӯ аз шеъру шоирист, дар роҳи расидан ба мақсад қадами муҳим хоҳад гашт, гуфтанд баромадкунандагон. Воқеан ҳамин тавр шуд. Ҳамоиш адабиётҳоро, ки дар асл ягонаанд ва аз як сарчашма об мехӯранд, наздиктар намуд. То андозае ба тасбит расонд, панҷ давлате, ки дар боло зикр гашт, як қисмати Осиёест ва як воҳиди бузурги фарҳангист.

Мутаассифона, бинобар сабабҳои сиёсӣ аз Покистон ягон шоири форсигӯ дар симпозиум иштирок накард. Вале дар баёзи «Мушоира» ба шуарои форсигӯ аз Покистон низ қисмате ҷудо карда шуда буд.

Ҳиндустон ягона намоянда дошт: доктор Мунибурраҳмон, устоди забон ва адабиёти форсӣ дар Донишгоҳи Лакҳнав. Вай муаллифи китоби «Шеъри форсӣ пас аз инқилоби машрута» ба забони англисист. Инчунин дар таълиф ва нашри мунтахабот аз осори шоирони муосири Эрон сарубар шудааст.

Аз Афғонистон се нафар адибони номвар намояндагӣ карданд: Абулҳақи Вола, ҳамонвақта раиси чопи китоб дар Вазорати иттилоот ва маданияти Афғонистон, Моили Ҳиравӣ, узви анҷумани таърихи Афғонистон, суханвари барҷастаи ин сарзамин, Муҳаммад Насим Накҳати Саидӣ, устоди Донишкадаи адабиёти Кобул.

Аз Эрон низ се чеҳраи намоёни илму адаб вакили ҳамоиш буданд: доктор Лутфалии Суратгар, шоир Нодири Нодирпур, доктор Парвиз Нотили Хонларӣ.

Меҳмонони арҷманд аз кишварҳои ҳамзабонро Тоҷикистон самимона пазироӣ кард. Фориғ аз симпозиум, сайру саёҳат дар ҷойҳои ҷолиби диққати Душанбе низ шеъри садодода рост ба дилҳо роҳ мегирифт, эҳсосро ба ҷунбиш меовард. Атрофи Нодир Нодирпурро ҳаводорони шеър печонда буданд ва мехостанд боз шеър хонад.

Меҳмонон мисле шамъ буданду вазири фарҳанги Тоҷикистон Меҳрубон Назаров, раиси Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, узви барҷастаи Фарҳангистони ин кишвар Раҳим Ҳошим, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Носирҷон Маъсумӣ, раиси Академияи улуми Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, фарзанди асосгузори адабиёти навин дар Тоҷикистон Садриддин Айнӣ – адабиётшинос Камол Айнӣ, адибони номвари тоҷик Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Мӯъмин Қаноат, Мавҷуда Ҳакимова ва дигарон гирди онҳо парвона.

Баъди бозгашт ба ватан шоир ва олими Эрон, устоди Донишгоҳи Теҳрон Парвиз Нотили Хонларӣ дар шумораи нӯҳуми маҷаллаи «Сухан» оиди рӯйдоди муҳими адабӣ дар Душанбе мақолаи батафсиле бо унвони «Дар сарзамини Рӯдакӣ» чоп кунонд, ки дар он, аз ҷумла, гуфта мешавад: «Дар Тоҷикистон шеър ва шоирӣ ҳануз яке аз муҳимтарин иштиғолҳои зеҳнии мардуми соҳибзавқ ва соҳибдил мебошад...»

Иштирокдорони афғонистонӣ низ бардоштҳои фаромӯшнопазири худ аз он анҷуманро дар нашрҳои гуногун қаламдод карданд.

Аз сипозиуми таърихӣ ва чопи баёзи «Мушоира» бештар аз ним аср гузашт. Дил мехоҳад мушоираҳо давом кунанд, шеърият дилҳоро ба дилҳо, мамлакатҳоро ба мамлакатҳо дар давраи нави таърихӣ низ мустаҳкам бипайвандад.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ.**

# САРБОЗИ ҲАЁТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар сари марқади Саидризо Ализода – ин марди донишманду журналисти далер хеле нишаст. Мавсуф барои миллату забон, адолату ҳақиқат қурбон шуд. Соли 1937 ӯро ҷосуси хориҷиён гуфта, ба Сибир бадарға карданд. Соли 1945 дар маҳбаси шаҳри Владимири Русия ҷон ба ҷонофарин супурд. Набераи Фарҳод Ализода баъди ҷустуҷӯи бисёр турбати ӯро пайдо карда, хокашро ба қабристони Панҷоб овард.

Равшанполвон дертар фаҳмид, ки бо даҳолати собиқ ҳокими вилоят Шавкат Мирзиёев ба озодӣ баромадаасту рӯзҳои сиёҳ паси сар шудаанд.

Чанд муддат ҳамчун мураббии варзишгарон кор кард. Аз байн фурсате гузашту мардуми қадршиноси маҳалла ӯро боз амини худ интихоб карданд.

### Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад...

Аз Эрон меҳмонони баландмартаба ба маҳаллаи Панҷоб ташриф оварданд, ки бо ин мардуми ҳамтабори худ аз наздик шинос шаванд. Меҳмонони олиқадрро бо нону намак, гулдастаҳои тару тоза, самимона истиқбол карданд. Вале баъзе мӯйсафедону фаъолон бо онҳо ба забони ғайр ҳарф заданд, ки боиси тааҷҷуби меҳмонон шуд.

– Шумо чӣ тавр эронтабор ҳастед, ки забони модариро намедонед, – пурсид яке аз меҳмонон.

Посух доданд, ки ин иллати замони пешин аст ва, албатта, ислоҳ хоҳад шуд. Баъди гусели онҳо амини маҳалла фаъолонро ҷамъ оварда, таклиф кард, ки дар назди Ҷамъияти дӯстии Ӯзбекистону Эрон мактаби омӯзиши ҳуруфи арабӣ ва забони форсӣ кушода шавад.

– Раҳматӣ бобоям Саидризо Ализода 14 забонро медонистанд ва барои мардуми таҳҷоӣ луғатҳои гуногун тартиб дода буданд, – гуфт Фарҳод Ализода. – Бузургон фармудаанд: «ҳар кӣ ба забони худ сухандон гардад, донистани сад забонаш осон гардад».

Дигарон низ ба сухан баромада, пешниҳоди амини маҳалларо дастгирӣ карданд. Хушбахтона, имрӯз дар ҳуҷраҳои собиқ масҷиди ҷомеъ, ки дар гузашта бобову бобокалонҳои панҷобиён сабақ мегирифтанд, қариб 150 нафар дар ду баст илму дониш мегиранд, забону ҳуруфи ниёгонро меомӯзанд. Ҳатто чанд нафар аз Эрон омада муаллимӣ мекунанд.

### «Фирдавсӣ» – дар Самарқанд

Кӯчаи марказии Панҷоб ба номи муаллифи бузургтарин ҳамосаи адабиёти форсу тоҷик Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ гузошта шуд, ки ифтихори мардум аст. Адиби шинохта Адаш Истад ба зиёрати қабристони Панҷоб омада, дид, ки муҷассамаи Фирдавсӣ дар ҳоли табоҳ аст. Баъди суҳбат бо амини гузар – Равшанполвон қарор шуд, ки ҳайкали Фирдавсӣ дар сари кӯча ё маркази маҳалла гузошта шавад. Таклифро ба ҳокимияти вилоят расонданд, то ба ин муносибат қарор қабул карда шавад. Аз байн чанд рӯз сипарӣ шуду ҳокими вилоят ба инҷо бо меъмору лоиҳакашон, бостоншиносону эҷодкорон ташриф фармуд.

Баҳсу мунозира авҷ гирифт. Меъморону лоиҳакашон муҳитро омӯхта, таклиф карданд, ки агар ду-се ҳавлӣ аз шафати масҷиди ҷомеъ ба дигар ҷо кӯчонида шавад, бунёди «Хиёбони Фирдавсӣ» имконпазир хоҳад шуд. Баъдан дар ин ҷо, ҳатто анҷуманҳои фарҳангӣ ташкил кардан мумкин аст.

– Соҳибони ҳавлӣ розӣ намешаванд, – луқма партофт кадоме аз ҳозирон, – барои ин кор маблағ лозим аст.

– Ҳоло мо дигар ташвиш дорем, ин муамморо фаъолони маҳалла ҳал кунанд, қарор баровардану лоиҳаро тасдиқ кардан аз мо, – гуфт ҳоким.

– Маъқул, халқамон ҳимматбаланд ва бовар дорам, ки маблағ ҷамъ мешавад, – иброз дошт Равшанполвон.

Дар ҳақиқат «Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад» шуд. Аҳолӣ аз рӯйи имконият ба хазинаи маҳалла беш аз як миллион доллар маблағ супурданд. Қарори гузоштани муҷассама низ интишор ёфт. Дере нагузашта техника ва бинокорон ба бунёди хиёбон пардохтанд. Дар муддати кӯтоҳ «Хиёбони Фирдавсӣ» омода гашт. Рӯзи тантанавор кушодашавии муҷассамаи Фирдавсӣ маълум шуд ва бо ҳамин муносибат аз сафоратхонаҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон вакилон ташриф фармуданд. Аммо боиси ҳайрати меҳмонону мизбонон он шуд, ки як-ду нафар вакилони расмии маҳаллӣ амр додаанд, ки ҳикматҳои Фирдавсӣ фақат бо ҳуруфи лотинӣ сабт гардад.

Меҳмонони олимартаба аз ин хусус гилаомезона гуфтаанд, ки Фирдавсӣ ба форсӣ эҷод кардааст.

Бояд таъкид намуд, ки чанде пеш ҷамоаи рӯзномаи «Овози тоҷик» барои боздиди хиёбони мазкур ташриф фармуда, низ аз ин хусус ба Равшанполвон ибрози андеша карда буданд.

– Панду ҳикматҳои Ҳаким Фирдавсиро пайдо кардан ба зиммаи мухбири мо дар Самарқанд, – гуфта буд ҷонишини муҳаррири рӯзнома Тоҷибой Икромов.

Хушбахтона ин масъала низ ҳалли худро ёфт.

### Ҷӯянда – ёбанда

Равшанполвон барои омӯхтани ҳаёту фаъолияти Фирдавсӣ, ба қавле иҷоранишини китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Маркази хазинаи ахбори ба номи Пушкин шуд. Ва бори дигар фаҳмид, ки китоб чӣ қадар ганҷинаи бебаҳост!

Рост гуфтаанд, ки аз китоб китоб мезояд. Дар ҳаммуаллифии падари бузургвораш асари «Ҳазору як сабақ»-ро таҳия ва нашр кард. Инчунин бо қиблагоҳ «Формулаи саломатӣ» ном китобро аз тариқи нашриёти «Турон» чоп карданд, ки барои шуғл варзидан бо тарбияи ҷисмонӣ дастури муҳим аст.



Воқеан, мо бо Равшанполвон Ғуломов маҳз туфайли муаммои «Хиёбони Фирдавсӣ» дӯстони наздик шудем. Гоҳ-гоҳ ба Маркази фарҳангии дӯстии Ӯзбекистону Эрон омада, бо ин марди ҷасур суҳбат мекунем, ғизои маънавӣ мегирем. Ҳарчанд синнаш аз шаст гузаштаасту барфи сафед дар тори сари ӯ лона гузоштааст, ба вазни зиёди хеш нигоҳ накарда, ниҳоят серҳаракату ғайратманд мебошад. Ҳоло ҳам баъзан ба шогирдон асрори гӯштингириро ёд медиҳад, аз таҷрибаи ғании худ қисса мекунад. Писараш Элдор қаҳрамони ҷандинкаратаи Осиё аз рӯйи самбост. Гулдухтаронаш Шаҳриябону ходими тиб, Фотима ҳамшираи шафқат мебошанд. Наберагон ворисони муносиби Ғуломовҳо ҳастанд.

Қайд кардан ҷоиз, ки шогирдонаш Ҷамол Ғаффоров, Бобораҳим Қосимов, Далер Муҳиддинов, Ӯткур Ғуломов, Улуғбек Раҳимов, Аваз Абдуҷалилов дар чемпионатҳои қитъаи Осиё ва ҷаҳон аз шоҳсуфаи баланд ҷой гирифтаанд.

Боз як хислати неки қаҳрамони мо он аст, ки комёбиҳои маҳалларо ба фаъолон Нозир Алиев, Саидазиз Исҳоқов, Фарҳод Ализода, Фирдавс Абдураҳмонов, Исмоил Ҷӯрабеков, Пӯлод Абдураҳмонов ва дигарон вобаста медонад.

Чанде пеш дар ҳаёти ӯ боз як воқеаи фаромӯшнопазир ба вуқӯъ пайваст. Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ба муносибати вохӯрӣ бо интихоботкунандагони самарқандӣ ба қатори савум, ки он ҷо Равшанполвон менишаст, омад ва бо ӯ самимона вохӯрӣ карда пурсид:

– Полвон, чӣ хел ҳастӣ?

– Хеле олӣ, – ҷавоб дод вай.

Мо ҳам таманно дорем, ки кору фаъолияти ӯ ҳамеша олӣ бошад!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ӮЗБЕКИСТОН ДИЁРИ МЕҲРУБОНИ ҚАВМУ МИЛЛАТҲО

***Рӯзи дӯстии халқҳо дар Ҷиззах ҳам чун дар саросари кишвар бо тантана таҷлил гардид. Тӯли ду рӯз дар ҳамаи шаҳру навоҳии вилоят таҳти шиори «Қудрати мо дар дӯстист!» анҷумани ҷашнвораҳои дӯстӣ, чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ва бадеӣ баргузор шуданд.***




Алалхусус, ҷашнвораи байналхалқии ҷавонон зери унвони «Бародарам, оянда дар дасти мост!», ки дар шаҳри Ҷиззах ба вуқӯъ пайваст, намояндагони ҷавони миллатҳои ӯзбек, тоҷик, қазоқ, русу қирғиз ва ғайраро гирдиҳам овард. Аз ҷумла, 30 нафар ҷавонон аз вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин қадар аз Ҷумҳурии Қазоқистон ташриф оварданд. Дар боғи экологии «Ӯрда» ва дигар ҷойҳои фарҳангӣ бо иштироки онҳо барномаҳои консертӣ баргузор гардид, суруду таронаҳо бо забони халқҳои бародар садо доданд.

Рӯзи дӯстии халқҳо дар шаҳраки Марҷонбулоқи ноҳияи Ғаллаарал, ки таҳти шиори «Ӯзбекистон – диёри халқҳои бародар!» гузашт, низ ба ҷашни дӯстии миллатҳо табдил ёфт.

Чорабинии идонаи воқеъ дар ноҳияи Зафаробод бошад, бо маҳфили китобхонӣ ҳусни оғоз гирифт.

Сипас пойгаи «Панҷ ҳазор қадам пиёда» дар шаҳри Ҷиззах доир гардид. Дар ин маросим беш аз ду ҳазор нафар одамони синну солашон аз 7 то 70 сола ширкат ҷустанд.

Иддае аз фаъолони марказҳои миллию фарҳангии вилоят ба пойтахти кишвар рафта, дар чорабиниҳои идонаи ҷумҳуриявӣ ширкат намуданд. Гурӯҳе аз ҳамватанон бо Фармони Президент ба гирифтани мукофотҳои олии Ватан мушарраф шуданд. Боиси хурсандист, ки дар байни онҳо намояндагони Ҷиззах ҳам буданд.

Бори савум аст, ки ҷашнвораи дӯстӣ дар вилоят хеле мутантан мегузарад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Дар Бухоро мусобиқаи саракунии байни командаҳои яккачини садоратҳои гумруки вилоятҳои Сурхондарё, Қашқадарё ва Бухоро ба муносибати 32-солагии истиқлолияти ҷумҳурӣ ва барои ҷоми раиси Кумитаи гумрук поён ёфт.***

# БАРОИ ҶОМИ РАИСИ КУМИТАИ ГУМРУК

Дар ин қувваозмоиҳо футболбозони садорати гумруки вилояти Сурхондарё соҳиби ҷои аввал, варзишгарони садорати гумруки вилояти Қашқадарё сазовори ҷои дуюм ва спортчиёни садорати гумруки вилояти Бухоро соҳиби ҷои сеюм гардиданд. Мувофиқи низоми мусобиқа соҳибони ҷойҳои якум ва дуюм ба марҳилаи ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4608 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ: 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.